# 40
# ҲАДИСИ НАБАВӢ ДАР ФАЗИЛАТИ РАМАЗОН

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية ]


## Абӯаҳмад Довудхони Абдухон



2012 - 1433

IslamHouse.com

# ﴿ أربعون حديثاً في فضيلة رمضان ﴾

«باللغة الطاجيكية»

أبو أحمد داود خان عبد خان

2012 - 1433

IslamHouse.com

**Абӯаҳмад Довудхони Абдухон**

# 40
# ҲАДИСИ НАБАВӢ
# ДАР ФАЗИЛАТИ РАМАЗОН

**Душанбе - 2012**

**Ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15-умин солгарди Рӯзи ваҳдати ҶТ**

Бо қарори Кумитаи оид ба дини назди Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 35 дар таърихи 28 .06.2012 аз ташхиси давлатии диншиносӣ гузаштааст.

**Эҳдо ба рӯҳи бародарам,**
**Эшони Асадуллоҳи Абдухон**

*Ин рисола фарогири 40 ҳадиси шариф ва гуҳарбори Пайғамбари раҳмат Муҳаммад (с) буда, дар мавриди фазилати моҳи Рамазон ва баракати рӯза гирифтан андарин моҳи гуноҳсӯз навишта шудааст.Рисолаи мазбур дастагули имониест дар шинохти фазилати моҳи мубораки Рамазон ва дастовези шарифест дар баланд бардоштани маърифати динии хонандаи арҷманд.*

***Муаллиф:*** ***Довудхони Абдухон***
***Муҳаррири масъул:*** ***Ҳабибуллоҳи Абдуназар***
***Муҳаррир:*** ***Кароматуллоҳи Бадриддин***
***Адади нашр:*** ***1000 нусха***
***Макон ва замони чоп:*** ***Душанбе, 2012***
***Матбааи «Мушфиқӣ»***

**Довудхони Абдухон**

**بسم الله الرحمن الرحيم**

الحمد لله رب العالمين و الصلاة و السلام علي أشرف الأنبياء والمرسلين.

أما بعد: أخبرنا النبي –صلى الله عليه و سلم- أنه ترك بيننا أمرين، إن تمسكنا بهما لن نضل أبدا، كتاب الله و سنته. لقد اخترت من أمهات كتب الحديث أربين حديثا في فضيلة شهر رمضان مع ذكر الرواة و شرح أحوالهم و ما يستفاد من الحديث و ذلك باللغة التاجيكية. راجين من الله أن ينفعنا إيانا و جميع المسلمين في الدنيا و الآخرة. و كذلك نسأل الله تبارك و تعالي أن يتولنا بالخير و السعادة و يوفقنا جميعا لصالح العمل و لإقامة شريعة الله تعالي و هدي رسوله صلي الله عليه و سلم.

**داودخان عبدخان**

أستاذ التفسير والحديث

في جامعة الإمام أبي حنيفة

*Ба номи Он, ки дил кошонаи Ӯст*

*Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй,*
*Дил аз тирагиҳо бад-ин об шӯй.*
*(Абӯлқосим Фирдавсӣ)*

## САРСУХАН

Ҳамду ситоиш мар Парвардигори ҷаҳониёнро, ки сазовори ибодат ва ситоиш аст. Дуруду саломи бепоён ба Расули раҳмат ва Хотами анбиё Муҳаммад (с) бод.

Худованди меҳрубон дар ояти 183 сураи «Бақара» мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, рӯза доштан бар шумо муқаррар шуд, ҳамчунон ки бар касоне, ки пеш аз шумо будаанд, муқаррар шуда буд, то парҳезгор шавед».**

Ояти мазкур далели фарз будани рӯзаи моҳи шарифи Рамазон аст. Дар ниҳояти ин оят Худованд яке аз ҳикмату фоидаи рӯзаро баён менамояд, ки; «Шумо ба сабаби рӯза доштан аз аҳли тақво ва аз зумраи парҳезгорон мешавед».

Бояд ёдовар шавем, ки ибодатҳо се навъ мебошанд: 1. Баданӣ, мисли намозу рӯза; 2. Молӣ, мисли закот; 3. Молию баданӣ, мисли ҳаҷ. Бинобар ин, Худованд зимни ҳадиси қудсӣ мефармояд:

«Тамоми амали одам барои худи ӯст, магар рӯза, зеро рӯза барои Ман аст ва Ман подоши онро ба ӯ медиҳам».

Дар ин рисола 40 ҳадиси Пайғамбар (с) аз китобҳои мӯътабар дар фазилати рӯза бо зикри ровиён ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Аз Худованд таманои онро дорам, ки аҳодиси ҷамъоварда шуда, дар раванди баланд бардоштани фарҳанги динӣ ва таҳкими маърифати солими исломӣ нақши боризе дошта бошад.

Дар охир аз Худованди меҳрубон ва корсоз хоҳонам, ки ин амалро аз ҳама гуна риёву ғараз пок ва холис гардонда, дастгири рӯзи охиратамон гардонад.

**Довудхони АБДУХОН**

بسم الله الرحمن الرحيم

۞ ۞ ۞

١) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ إِذَا دَخَلَ شَهْرُ رَمَضَانَ فُتِحَت أَبْوَابُ الْجَنَةِ، وَغُلِّقَتْ أَبْوَابُ جَهَنَّمَ وَسُلْسِلَتْ الشَّيَاطِيْنُ ﴾. متفق عليه

**1.** Аз Абўҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Ҳар гоҳ моҳи Рамазон фаро расад, дарҳои ҷаннат кушода ва дарҳои дўзах баста мешаванд ва шайтонҳо бо занҷир баста мегардад».*** *(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Тарҷумаи ҳоли ровӣ:*** Номи ровии ҳадис Абдурраҳмон ибни Сахр аз қабилаи Давси Яман буда, бо лақаби Абўҳурайра машҳур аст. Абўҳурайра (р) соли 7-уми ҳиҷрӣ, ки фатҳи Хайбар сурат гирифт, ба Ислом гаравид ва худи ҳамон сол ба сўҳбати Пайғамбари Худо (с) мушарраф шуд. Ў ҳамеша ҳамнишини Пайғамбар (с) буд ва маҳз ҳамин ҳамнишинӣ сабаб шуд, ки Абўҳурайра аз дигар саҳобагон дида ҳадиси бештаре ривоят намояд. Тибқи гуфтаи муҳаддисон Абўҳурайра (р) аз Пайғамбар (с) 5374 ҳадис ривоят кардааст ва соли 57

ҳиҷрӣ дар Мадинаи мунаввара аз дунё гузаштааст.

***Шарҳи ҳадис***

Вақте моҳи Рамазон фаро мерасад, ба изни Худованд дарҳои ҷаннат боз ва дарҳои дӯзах баста мешаванд. Ба баракти моҳи Рамазон шайтонҳо аз озоди маҳрум гашта, занҷирбанд карда мешаванд. Он нофармонравоие, ки банда дар моҳи Рамазон анҷом медиҳад, аз беаҳамиятию танбалии ӯст. Раҳмати Худованд аст, ки дар моҳи Рамазон бандагонашро аз васвасаи шайтон нигаҳ медорад. Пас мусулмононро зарур аст, ки аз амалҳои номашрӯъ дурӣ ҷӯянд.

٢) عَنْ عَبْدِ الرَّحْمَنِ بْنِ عَوْف –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ إِنّ اللهَ تَعالَى اِفْتَرَضَ صَوْمَ رَمَضَانَ، وَسَنَنْتُ لَكُمْ قِيَامَهُ، فَمَنْ صَامَهُ وَقَامَهُ إِيْمَاناً وَاِحْتِسَاباً وَيَقِيْناً كَانَ كَفَارَةً لِمَا مَضَى ﴾.

رواه النسائي والبيهقي في شعب الإيمان (حديث حسن)

**2.** Аз Абдурраҳмон ибни Авф (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Худованд рӯзаи Рамазонро бар шумо фарз гардонидааст ва Ман шабзиндадории онро бар шумо суннат намудаам. Пас, шахсе, ки аз рӯйи имону умеди савобу боварӣ рӯза гирад ва шабзиндадорӣ намояд, сабаби мағфирати гуноҳони***

*гузаштааш мешавад».*

*(Ривояти Насоӣ ва Байҳақӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абдурраҳмон ибни Авф яке аз ҳашт тан саҳобаи собиқин дар Ислом буд. Ӯ яке аз даҳгонаи ба ҷаннат муждаёфта мебошад. Абдурраҳмон саҳобае буд, ки дар Мадинаи мунаввара фатво медод, дар ҳоле ки Пайғамбар (с) дар миёни мусулмонон дар қайди ҳаёт буд. Ӯ ду рӯз баъд аз имон овардани Абӯбакри Сиддиқ (р) Исломро пазируфтааст. Вақте Абдурраҳмон (р) аз дунё гузашт, Усмон ибни Аффон (р) намози ҷанозаашро хонд ва тағои Пайғамбар (с) Саъд ибни Абӯваққос ӯро ба хобгоҳи охираташ нақл дод.

***Шарҳи ҳадис***

Рӯза доштани моҳи Рамазон фарз ва шабҳои онро бо ибодат гузаронидан суннат аст. Ҳар касе, ки аз рӯи имону муҳаббат ва ба умеди савоб моҳи Рамазонро рӯза дорад, Худованд гуноҳони гузаштаи ӯро мебахшад.

٣) عَنْ وَاثِلَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم-
﴿ أُنْزِلَتْ صُحُفُ إِبْرَاهِيْمَ أَوَّلَ لَيْلَةٍ مِنْ شَهْرِ رَمَضَانَ، وَأُنْزِلَتْ التَّوْرَاةُ لِسِتٍ مَضَتْ مِنْ رَمَضَانَ، وَأُنْزِلَ الْإِنْجِيْلُ لِثَلَاثَ عَشْرَةَ مَضَتْ مِنْ رَمَضَانَ، وَأُنْزِلَ الزَّبُوْرُ لِثَمَانِ عَشَرَ

خَلَتْ مِنْ رَمَضَانَ، وَأُنْزِلَ الْقُرْآنُ لِأَرْبَعٍ وَعِشْرِيْنَ خَلَتْ مِنْ رَمَضَانَ﴾.

رواه الطبراني في الكبير (حديث حسن)

**3.** Аз Восила (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Саҳифаҳои Иброҳим (а) дар аввали моҳи Рамазон фурӯд оварда шуд. Тавроти Мӯсо (а) шашуми моҳи Рамазон фуруд оварда шуд. Инҷили Исо ( а) сенздаҳуми моҳи Рамазон фуруд оварда шуд. Забури Довуд (а) ҳаждаҳуми моҳи Рамазон фуруд оварда шуд ва Қуръон бисту чоруми Рамазон фуруд оварда шуд».***

*(Ривояти Табаронӣ).*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Восила ибни Асқаъ ибни Каъби Лайсӣ саҳобаи машҳури Пайғамбар (с) мебошад. Восила пеш аз ғазваи Табук Исломро қабул намуда, ҳамроҳи Пайғамбар (с) дар ғазваи Табук ширкат кардааст. Ӯ аз аҳли сӯффа буд ва дар фатҳи Димишқ ва Ҳимс ширкат намудааст. Сипас ба шаҳри Шом рафт ва дар замони хилофати Абдулмалик соли 83-юми ҳиҷрӣ охирин саҳобае дар Димишқ буд, ки аз дунё гузашт.

***Шарҳи ҳадис***

Тамоми китобҳои осмонӣ, аз ҷумла Қуръони карим ҳам дар моҳи Рамазон фуруд омадааст. Баракати моҳи Рамазон ҳам аз баракати Қуръони

карим мебошад. Рамазон баҳори Қуръон ва наҷоти мўъминон аст. Мусулмонони арҷманд бояд дар ин моҳи гуноҳсўз бештар ба тиловати Қуръони карим машғул бошем.

❖ ❖ ❖

٤)   عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ أَوَلُ شَهْرِ رَمَضَانَ رَحْمَةٌ، وَوَسَطُهُ مَغْفِرَةٌ، وَ آخِرُهُ عِتْقٌ مِنَ النَارِ ﴾.

رواه ابن أبي الدنيا في فضل رمضان وابن عساكر
(حديث صحيح)

**4.** Аз Абўҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Аввали моҳи Рамазон раҳмат, мобайни он мағфират ва охири он озод шудан аз оташи дўзах мебошад».***

*(Ривояти Абўдунё ва Ибни Асокир)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абўҳурайра зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Аз ҳадиси шариф бар меояд, ки моҳи Рамазон аз се қисмат иборат аст, ки ҳар давра дорои хусусиятҳои хоси худро дорад. Худованд дар аввали моҳи Рамазон раҳмат, дар миёнаи он мағфират ва дар охири он озод намудани

бандаҳоро зиёд менамояд. Яке аз сабабҳои наҷот ёфтан аз оташи дӯзах Рамазон аст.

٥) عَنْ اِبْنِ عُمَرَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- بُنِيَ الإِسْلَامُ عَلَى خَمْسٍ: شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَأَنَّ مُحَمَّداً رَسُوْلُ اللهِ، وَإِقَامِ الصَّلاَةِ، وَإِيْتَاءِ الزَّكَاةِ، وَحَجِّ البَيْتِ، وَصَوْمِ رَمَضَانَ.

متفق عليه

**5.** Аз Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Ислом бар панҷ чиз бунёд ёфтааст: шаҳодат додан бар ин гуна ки «нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ ва Муҳаммад Пайғамбари Худост»; барпо (доштан)-и намоз; додани закот; ҳаҷҷи Хонаи Худо ва рӯза доштани моҳи Рамазон».***

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоби Қураишии Адавӣ фарзанди халифаи дуюми мусулмонон ва бародари уммулмӯъминин Ҳафса бинти Умар (р) мебошад. Соли 3-юми биъсати Пайғамбар (с) таваллуд шуда, дар синни 10 солагиаш ба Мадина ҳиҷрат намудааст. Соли 84-уми ҳиҷрӣ дар синни 87 солагӣ аз дунё гузаштааст. Ҳафса умммулмӯъминин аз Пайғамбар (с) ривоят

менамояд, ки дар ҳаққи ӯ гуфтааст: «Абдуллоҳ марди солеҳ аст».[1]

***Шарҳи ҳадис***

Сутуни аввали Ислом шаҳодат додан бар он аст, ки; «Нест маъбуди барҳақ, магар Аллоҳ ва Муҳаммад пайғамбари Худост». Дуюм намозро бо ихлосу муҳаббат гузоридан, сеюм закоти молро чун ба нисоб (ченаки муайяннамудаи шариат) бирасад, ҳар сол пардохтан; чаҳорум дар тамоми умр як маротиба ҳаҷҷи Хонаи Худо намудан ( касе, ки қудрату тавони рафтан дошта бошад) ва панҷум рӯзаи моҳи Рамазонро доштан аст.

٦) عَنْ عَائِشَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ تَحَرَّوْا لَيْلَةَ الْقَدْرِ فِي الْوِتْرِ مِنْ الْعَشْرِ الأَوَاخِرِ مِنْ رَمَضَانَ ﴾.

متفق عليه

**6.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Шаби Қадрро дар шабҳои тоқи[2] даҳаи охири Рамазон ҷустуҷӯ намоед».***

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

---

[1] Ривояти Бухорӣ.

[2] Шабҳои 21, 23, 25, 27, 29-и Рамазон.

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Уммулмӯъмин Оиша бинти Абӯбакри Сиддиқ (р) ҳамсари Пайғамбар (с) мебошад. Ӯ (р) аз ҷумлаи ҳофизони кулли Қуръони карим буда, аз Пайғамбар (с) зиёда аз 2210 ҳадис ривоят намудааст. Оиша (р) соли 57-уми ҳиҷрӣ дар Мадина аз дунё реҳлат кард ва Абӯҳурайра (р) бар ӯ намози ҷаноза гузоридааст.

***Шарҳи ҳадис:***

Шаби Қадр дар шабҳои тоқи даҳ рӯзи охири моҳи шарифи Рамазон аст. Ҷустуҷӯ намудани шаби Қадр ва ба ибодат машғул шудан дар даҳ шаби охири моҳи Рамазон суннати Пайғамбар (с) аст.

٧) عَنْ أَبِي قَتَادَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ثَلَاثٌ مِنْ كُلِ شَهْرٍ، وَرَمَضَانُ إِلى رَمَضَانَ، فَهَذا صِيَامُ الدَّهْرِ كُلِهِ. . . .

رواه مسلم وأبو داود والنسائي

**7.** Аз Абӯқатода (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Рӯза доштани се рӯз аз ҳар моҳ ва рӯза доштани моҳи Рамазон то Рамазон савоби рӯзаи тамоми солро дорад».***

*(Ривояти Муслим, Абӯдовуд ва Насоӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Нӯъмон ё Амр ибни Рибъии Ансорӣ, машҳур бо номи Ҳорис аз ҷумлаи саҳобаи Пайғамбар (с) буд.

***Шарҳи ҳадис***

Аз ҳар моҳи ҳиҷрӣ 13-ум, 14-ум ва 15-уми моҳ рӯзаи нафлӣ доштан ва рӯза гирифтани моҳи Рамазон савоби яксоларо дорад. Рӯзаи моҳи Рамазон то Рамазони оянда каффорати гуноҳони сағира мешавад.

٨) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ رَغِمَ أَنْفُ رَجُلٍ ذُكِرتُ عِنْدَهُ فَلَمْ يُصَلِ عَلَيَّ، وَرَغِمَ أَنْفُ رَجُلٍ دَخَلَ عَلَيْهِ رَمَضَانُ ثُمَ اِنْسَلَخَ قَبْلَ أَنْ يَغْفِرَ لَهُ، وَرَغِمَ أَنْفُ رَجُلٍ أَدْرَكَ عِنْدَهُ أَبَوَاهُ الْكِبَرَ فَلَمْ يُدْخِلاهُ الجَنَةَ ﴾.

الترمذي والحاكم في المستدرك (حديث صحيح )

**8.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Зиёну ранҷ шахсерост, ки номи Ман наздаш зикр шавад ва бар Ман салавот нафиристад; зиёну нокомӣ шахсерост, ки моҳи Рамазон фаро расад ва сипарӣ шавад ва гуноҳони ӯ мағфират нашаванд; зиёну нокомӣ шахсерост, ки падару модари пирашро дар ҳаёташон дарёбаду дохили***

***бихишт нашавад».[3]***

*(Ривояти Тирмизӣ ва Ҳоким)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Салавот гуфтан бар Пайғамбар (с), рӯзаи моҳи Рамазонро бо ихлос доштан ва эҳтироми падару модар намудан сабаби дохил шудан ба биҳишт мегардад. Пайғамбар (с) зимни ин ҳадис фармудааст: «Зиёну ранҷ дидааст, касе, ки номи Муҳаммад (с) дар маҷлисе гуфта шавад ва ба ӯ салавот нафиристад. Зиёну хасорат дидааст, касе, ки моҳи Рамазонро хуб ва бо тоату ибодат нагузаронад ва фурсати ба биҳишт даромаданро аз даст диҳад. Зиёну хасорат дидааст, касе, ки падару модар ё яке аз онҳоро дар ҳаёт дарёфтаву дуои онҳоро нагирифта, дохили биҳишт нашудааст. Ин фурсатҳои хеле хубу муносиб барои ба даст овардани ризои Парвардигор аст.

---

[3] Яъне, қадри ин се неъматро надонист, дар ҳоле ки инҳо фурсату сабаби аз гуноҳ пок шудан ва ворид шудани Биҳишт мебошанд.

٩) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ لَمَا حَضَرَ رَمَضَانُ قَالَ رَسُوْلُ اللهِ – صلى الله عليه و سلم- ﴿ قَد جَاءَكُمْ رَمَضَانُ شَهْرٌ مُبَارَكٌ اِفْتَرَضَ اللهُ عَلَيْكُمْ صِيَامَهُ تُفْتَحُ فِيْهِ أَبْوَابُ الْجَنَّةِ وَيُغْلَقُ فِيْهِ أَبْوَابُ الْجَحِيْمِ وَتُغَلُ فِيْهِ الشَيَاطِيْنُ فِيْهِ لَيْلَةٌ خَيْرٌ مِنْ أَلْفِ شَهْرٍ مَنْ حَرَمَ خَيْرَهَا فَقَدْ حَرَمَ ﴾.

رواه أحمد في مسنده والبيهقي في شعب الإيمان (حديث حسن)

**9.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки ҳар гоҳ моҳи Рамазон фаро мерасид, Паёмбар (с) мефармуд: ***«Ба дурустие, ки моҳи шарифи Рамазон бар шумо омад ва (он) моҳи муборак аст. Рӯза доштани ин моҳро Худованд бар шумо фарз гардонидааст. Дар ин моҳ дарҳои ҷаннат кушода ва дарҳои дӯзах баста шуда, шайтонҳо бо занҷир баста мешаванд. Дар ин моҳ шабест, ки аз ҳазор шаб беҳтар аст. Шахсе, ки аз хайри он маҳрум мешавад, ба таҳқиқ маҳрум шудааст».***

*(Ривояти Аҳмад ва Байҳақӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси якум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Донишмандон ва уламо бояд аз омадани моҳи шарифи Рамазон мардумро ёдрас шаванд ва ташвиқу тарғиб ба амали хайр кунанд. Дар моҳи Рамазон шайтонҳо баста мешаванд ва мардум аз васвасаи онҳо

эмин мемонанд, то фурсати хубе барои ибодат пайдо шавад ва ин як раҳмати Худованд барои бандагон аст. Касе, ки аз хайру некиҳои Рамазон, бахусус шаби Қадр маҳрум шавад, пас, хайри зиёдеро аз даст додаву зиён дидааст.

۱۰) عَنْ بِلَالِ بْنِ الْحَرْثِ الْمَزَنِي –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ رَمَضَانُ بِالْمَدِيْنَةِ خَيْرٌ مِنْ أَلْف رَمَضَانَ فِيْمَا سِوَاهَا مِن الْبِلْدَان، وَجُمْعَةٌ بِالْمَدِيْنَةِ خَيْرٌ مِنْ أَلْف جُمْعَة فِيمَا سِوَاهَا مِن الْبِلْدَان ﴾.

رواه الطبراني في الكبير والضياء (حديث صحيح)

**10.** Аз Билол ибни Ҳарс ал-Мазанӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Рӯза доштани моҳи Рамазон дар Мадинаи мунаввара беҳтар аз ҳазор рӯза доштани Рамазон дар ғайри он аст. Як ҷумъа дар Мадинаи мунаввара беҳтар аз ҳазор ҷумъа дар дигар шаҳрҳост».***

*(Ривояти Табаронӣ ва Зиёи Мақдисӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Билол ибни Ҳарс ибни Асам ибни Саъиди Маданӣ саҳобаи Пайғамбар (с) мебошад ва дар фатҳи Макка ширкат намудааст. Ӯ барои даъват ба Ислом аз Мадина ба Басра рафта, он ҷо сукунат намудааст ва соли 60-уми ҳиҷрӣ дар синни 80-солагӣ аз дунё гузаштааст.

***Шарҳи ҳадис***

Дар шариати Ислом ҳар як амали нек даҳ савоб дошта, дар моҳи Рамазон савоби амалҳо бештар мешавад ва анҷоми амали нек мисли рӯза доштан дар Мадина ҳазор савоб дорад. Инчунин, адои намози ҷумъа дар масҷиди Набавӣ нисбат ба дигар масҷидҳо, ғайр аз Масҷиду-л-ҳароми Макка, ҳазор савоб дорад.

۞ ۞ ۞

١١) عَنْ ابْنِ عَمْرو –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ الله –صلى الله عليه و سلم- ﴿ إِنَ لِلصَائِمِ عِنْدَ فِطْرِهِ لَدَعْوَةٌ مَا تُرَدُ ﴾.

رواه ابن ماجة والحاكم في المستدرك (حديث صحيح)

**11.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Барои рӯзадор ҳангоми ифтор кардан дуоест, ки рад намешавад».***

*(Ривояти Ибни Моҷа ва Ҳоким)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ибни Воили Қурашии Саҳмӣ саҳобаи Пайғамбар (с) аст. Абдуллоҳ яке аз саҳобае мебошад, ки ҳадисҳои зиёде аз Пайғамбар (с) ривоят намудааст. Ӯ соли 65-уми ҳиҷрӣ дар синни 72-солагӣ дар шаҳри Шом ва ба ривояте дар Макка аз олам гузаштааст.

***Шарҳи ҳадис***

Барои иҷобати дуо вақтҳову лаҳзаҳоест, ки агар инсон дар он фурсатҳо бо ихлос дуо намояд, дуояш мустаҷоб мешавад. Аз ҷумла, рӯзи Арафа, рӯзи ҷумъа, сеяки шаб, вақти боридани борон, вақти ифтор ва байни азону қомат аз лаҳзаҳое ба шумор меравand, ки дар онҳо дуои мухлисона пазиро мешавад. Аз ин рӯ, рӯзадор агар ҳангоми ифтор намудан бо ихлосу муҳаббат дуо намояд, дуояш мустаҷоб мешавад.

۱۲) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿الصَلَوَاتُ الْخَمْسُ، وَالْجُمْعَةُ إِلَى الْجُمْعَةِ، وَرَمَضَانُ إِلَى رَمَضَانَ: مُكَفِرَاتٌ لِمَا بَيْنَهُنَّ، إِذَا اِجْتَنَبْتَ الْكَبَائِرَ﴾.

أحمد في مسنده وصحيح مسلم والترمذي

**12.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Намозҳои панҷвақта, аз ҷумъа то ҷумъа, аз Рамазон то Рамазон сабаби омурзиши гуноҳони байни инҳост, агар (мусулмон) аз гуноҳони кабира дурӣ ҷӯяд».***

*(Ривояти Аҳмад, Муслим ва Тирмизӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Намозҳои фарзии панҷвақта, намози ҷумъа то ҷумъаи оянда ва рӯзаи моҳи Рамазон то Рамазони оянда маҳвкунандаи гуноҳони сағира мебошанд, модоме, ки бандаи мӯъмин аз гуноҳони кабира дурӣ ҷуста бошад. Чи тавре ки дар ҳадисҳои набавӣ зикр шудааст, амалҳои нек пӯшонанда ва сабаби мағфирати амалҳои бад аст.

١٣) عَنْ عَائِشَةَ رَضِيَ اللهُ عَنْهَا قَالَتْ ﴿ كَانَ النَّبِيُّ –صلى الله عليه و سلم- إِذَا دَخَلَ الْعَشْرُ شَدَّ مِئْزَرَهُ، وَأَحْيَا لَيْلَهُ، وَأَيْقَظَ أَهْلَهُ ﴾.

متفق عليه

**13.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки фармудаанд: «Чун даҳаи охири моҳи Рамазон меомад, ***Пайғамбар (с) барои ибодат талоши зиёд мекард, шабҳояшро*** *(бо ибодат)* ***мегузаронид ва аҳли хонадонашро*** *(барои ибодат)* ***бедор менамуд».***

*(Ривояти Бухорӣ)*

***Шарҳи ҳоли уммулмӯъминин:*** Оиша (р) зимни ҳадиси 6-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Чун даҳаи охири моҳи Рамазон фаро мерасид,

Пайғамбар (с) барои бештар тоату ибодат намудан аз ҳамсаронаш дурӣ ҷуста, дар масҷид эътикоф менишаст. Пайғамбар (с) шабҳои охири моҳи Рамазонро бо ибодат гузаронида, шабзиндадорӣ мекард. Ҳамчунин тамоми аҳли хонадонашро барои бисёр ибодат намудан шабҳои даҳҳаи охири Рамазон бедор менамуд. Модоме, ки хонадони поки Пайғамбар (с) шабҳои даҳаи охири моҳи Рамазонро бо ибодат гузаронида, бедорхобӣ мекарданд, пас, имрӯз мо низ дар пайравӣ ба онҳо ба тоату ибодат хосатан дар моҳи муборакӣ Рамазон ниёзи бештар дорем. Имрӯз падару модарон ва сарпарастонро зарурате пеш омадааст, ки аҳли хонадонашонро чун Пайғамбарамон Муҳаммад (с) дар рӯҳияи зуҳду тақво ва худопарастӣ тарбия намоянд. Оё нафаре аз мо чун Пайғамбар (с) дар шабҳои даҳаи охири моҳи Рамазон аҳли хонадонамонро барои тоату ибодати Парвардигори Пок бедор намудааст? Агар оре, пас, Худоро шукр. Агар не, пас, пайравӣ аз Пайғамбар (с) бояд намуд.

۞ ۞ ۞

١٤) عَنْ ابْنِ عَبَّاسٍ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ ... فَإِنَّ عُمْرَةً فِي رَمَضَانَ تَعْدِلُ حَجَّةً ﴾.

متفق عليه

**14.** Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Умра намудан дар моҳи Рамазон савоби ҳаҷро дорад»***.

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абдуллоҳ ибни Аббос (р) писарамӯи Пайғамбар (с) буда, мулаққаб ба Ҳибри уммат мебошад. Ибни Аббос (р) чанд рӯз пеш аз баромадани Пайғамбар (с) ва Бани Ҳошим аз муҳосираи мушрикон дар Шиъби Абӯтолиб, ки баробар ба соли 10-уми биъсат мебошад, ба дунё омадааст. Рӯзе, ки Пайғамбар (с) аз дунё реҳлат намуд, Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ҳамагӣ сензда ҳ сол дошт. Пайғамбар (с) дар ҳаққи ӯ дуои хайри зиёде намудааст: «Худоё, ӯро донишманди дин ва донандаи таъвил бинамо. Худоё, ӯро донандаи тафсири Қуръон ва ҳикмат бинамо». Абдуллоҳ ибни Аббос (р) аз Пайғамбар (с) зиёда аз 1660 ҳадис ривоят кардааст. Бухорию Муслим 95 ҳадис, Бухорӣ ба танҳоӣ 28 ҳадис ва Муслим 49 ҳадис ривоят намудаанд. Абдуллоҳ дар охири ҳаёташ нобино шуд. Ӯ дар шаҳри Тоиф соли 68 ҳиҷрӣ дар синни 71 солагӣ аз дунё гузашт ва дар он ҷо ба хок супорида шуд.

***Шарҳи ҳадис***

Адои умра суннати Пайғамбар (с) мебошад. Умра иборат аз эҳром, тавофи Каъба, саъй байни Сафову Марва ва  тарошидани мӯи сар мебошад. Адои умра то адои умраи дигар пӯшонандаи гуноҳони сағира мегардад. Аммо агар адои умра дар моҳи муборакии Рамазон бошад, савобаш бештар ва баробар ба савоби ҳаҷ аст, агарчанде бо анҷом додани умра ҳаҷҷи фарзӣ соқит намешавад.

۞ ۞ ۞

١٥)    عَنْ أَنَسٍ –رضي الله عنه- قَالَ: كَانَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿إِذَا كَانَ مُقِيْماً اِعْتَكَفَ الْعَشْرَ الْأَوَاخِرَ مِنْ رَمَضَانَ، وَإِذَا سَافَرَ اِعْتَكَفَ مِنَ الْعَامِ الْمُقْبِلِ عِشْرِيْنَ﴾.

رواه أحمد في مسنده (حديث صحيح)

**15.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки: ***«Агар Пайғамбар (с) муқим мебуд, даҳ рӯзи охири Рамазонро эътикоф менишаст ва агар мусофир мебуд, соли оянда бист рӯзи охири Рамазонро эътикоф менишаст».***

*(Ривояти Аҳмад)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Анас ибни Молик бо лақаби Абӯҳамзаи Ансорӣ машҳур аст. Вақте Пайғамбар (с) ба Мадинаи мунаввара омад,  Анас ҳамагӣ 10 сол дошт. Модари Анас Умми Сулайм ӯро ба назди

Пайғамбар (с) оварда, хоҳиш намуд, то Анас дар хидматаш бошад. Анас муддати 10 сол то реҳлати Пайғамбар (с) дар хидматаш буд ва аз Ӯ (с) илму дониш ва ахлоқи накӯ омӯхт. Рӯзе модари Анас аз Пайғамбар (с) хоҳиш намуд, ки дар ҳаққи ӯ дуо кунад. Пайғамбар (с) дар ҳаққи ӯ чунин дуо намуд: «Худоё, молу фарзанди зиёде барояш насиб гардон ва дар он чӣ ба ӯ додаӣ баракат бидеҳ».[4] Анас мегӯяд: «Маҳз баракати ин дуои Пайғамбар (с) буд, ки соҳиби 90 фарзанду набера шудам». Донишмандон гуфтаанд, ки Анас аз 100 сол бештар умр дидааст. Ба гуфтаи муаррихон ӯ соли 93 ҳиҷрӣ дар масофаи якуним фарсах берун аз шаҳри Басра аз дунё гузаштааст. Анас аз ҷумлаи саҳобагони ҳафтгонаест, ки аз Пайғамбари Худо (с) ҳадиси зиёде ривоят намудаанд. Чунончи ӯ 2286 ҳадис ривоят кардааст. Аз ҷумла, Бухорӣ ва Муслим аз ӯ 186 ҳадис, Бухорӣ дар танҳоӣ 82 ҳадис ва Муслим дар танҳоӣ 71 ҳадис ривоят намудаанд.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) дар моҳи мубораки Рамазон дар масҷид эътикоф менишаст. Маънои эътикоф ин аст, ки шахси рӯзадор дар масҷиди ҷамоат машғули тоату ибодат шуда, ба дигар корҳо машғул намешавад.

[4] Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

Эътикоф нишастан дар моҳи Рамазон тибқи мазҳаби ҳанафӣ суннати муаккадаи кифоят аст. Агар дар масҷиди ҷомеъ касе эътикоф нанишинад, аҳли маҳалла гунаҳгор мешаванд. Ҳикмати эътикоф нишастан дар он аст, ки шахси рӯзадор аз хайру савоби зиёди моҳи Рамазон, бахусус даҳ рӯзи охири он бархӯрдор мешавад. Ба ин хотир агар Пайғамбар (с) ба сабаби сафар соле эътикоф наменишаст, соли оянда бист рӯз эътикоф менишаст ва ин далели суннати муаккада будани он аст. Дар шарҳи Қудурӣ зикр шудааст, ки Шайхи Азҳарӣ гуфтааст: «Аҷаб бар мардуме, ки эътикоф наменишинанд ва ҳол он, ки Пайғамбар (с) онро тарк намекард».

١٦) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ مَنْ صَامَ رَمَضَانَ إِيْمَاناً وَاِحْتِسَاباً غُفِرَ لَهُ مَا تَقَدَمَ مِنْ ذَنْبِهِ ﴾.

متفق عليه

**16.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Шахсе моҳи Рамазонро аз рӯи имон ва умеди савоб рӯза дорад, гуноҳҳои гузаштааш бахшида мешаванд».***

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абўҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Ҳар шахсе, ки моҳи Рамазонро бо имони комил ва умеди савобу мағфирати Парвардигор рўза дорад, Худованди меҳрубон гуноҳҳои сағираи гузаштаи ўро мебахшад. Албатта, ин як раҳмати Парвардигор ба бандагонаш аст, ки бо роҳу амалҳои гуногун гуноҳҳони бандагонашро Парвардигор мағфират менамояд. Ба ин хотир, мусулмон бояд рўзаи моҳи Рамазонро ҳамчун ибодати бадании маҳз ва аз рўи имону ихлос анҷом диҳад, на ба хотири як навъ парҳезу варзиши бадан ва ғайра.

۞ ۞ ۞

١٧) عَنْ أَبِي أَيُوْبِ الْأَنْصَارِي –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ مَنْ صَامَ رَمَضَانَ ثم أَتْبَعَهُ سِتاًّ مِنْ شَوَالِ كَانَ كَصِيَامِ الدَّهْرِ ﴾.

رواه مسلم

**17.** Аз Абўаюб (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Шахсе моҳи Рамазонро рўза дорад ва сипас шаш рўз аз моҳи Шаввол баъди он рўза гирад, монанди савоби яксола рўзаро ба даст меорад***».

*(Ривояти Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Холид ибни Зайд ибни Кулайб аз қабилаи Бани Наҷҷор буда, машҳур ба Абӯаюби Ансорӣ мебошад. Пайғамбар (с) дар нахустин марҳилаи қудумаш ба Мадинаи мунаввара ба хонаи Абӯаюб (р) ворид шуд ва чанд муддат онҷо сукунат кард. Абӯаюб (р) дар фатҳи Қустантания ширкат намуд ва дар синни 80 солагӣ дар ин фатҳ аз дунё гузашт.

***Шарҳи ҳадис***

Ҳар шахси мусулмоне, ки моҳи Рамазонро бо ихлос рӯза бигирад ва сипас шаш рӯзи моҳи Шавволро низ рӯза дорад, савоби яксола рӯза доштанро мегирад, зеро дар шариати Ислом ҳар як амал ҳадди ақал даҳ савоб дорад. Пас, як моҳи Рамазон савоби даҳ моҳро дорад ва савоби шаш рӯзи рӯзаи моҳи Шаввол шаст рӯз аст ва бо ҳамин дувоздаҳ моҳ комил мешавад. Рӯзаи моҳи Шавволро инсон метавонад шаш рӯз пайдарпай гирад ё як рӯз рӯза дорад ва як рӯз ифтор намояд, ё рӯзҳои душанбе ва панҷшанбеи онро рӯза гирад.

۞ ۞ ۞

١٨) عَنْ أَبِي بَكْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ شَهْرَانِ لَا يَنْقُصَانِ، شَهْرَا عِيْدٍ: رَمَضَانُ، وَ ذُو الْحِجَّةِ ﴾.

متفق عليه

**18.** Аз Абӯбакра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Савоби ду моҳи ид кам намешаванд: моҳи Рамазон ва Зулҳиҷҷа».***[5]

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абӯабдурраҳмон Абӯбакраи Сақафӣ яке аз саҳобагони Пайғамбар (с) мебошад.

***Шарҳи ҳадис***

Савоби ду моҳе, ки дар он ид аст, яъне, моҳи Рамазон ва Зулҳиҷҷа кам намешавад, агарчанде 29 рӯзӣ бошанд ҳам. Бинобар моҳи қамарӣ будани моҳи Рамазон гоҳе 30 рӯз ва гоҳе 29 рӯз меояд. Агар соле Рамазон 29 рӯз бошад, савобаш кам намешавад ва шахсони рӯзадор савоби як моҳи комилро мегиранд ва ин худ аз раҳмату фазли Худованди меҳрубон аст.

۞ ۞ ۞

١٩) عَنْ عَلِي –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ–صلى الله عليه و سلم- ﴿صَوْمُ شَهْرِ الصَبْرِ، وَثَلَاثَةَ أيَامٍ مِنْ كُلِ شَهْرٍ، يُذْهِبْنَ وَحْرَ الصَّدْرِ﴾.

البزار، الطبراني في الكبير. (حديث صحيح)

---

[5] Яъне, агарчанде моҳи Рамазон гоҳе 29 рӯз бошад ҳам, савобаш кам намешавад.

**19.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Рӯзаи моҳи сабр (Рамазон) ва аз ҳар моҳ се рӯз рӯза гирифтан кинаи дилро дур мекунад».***

*(Ривояти Баззор ва Табаронӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Алӣ ибни Абӯтолиб (р) писарамӯ ва домоди Пайғамбар (с) мебошад. Алӣ (р) халифаи чоруми мусулмонон аст. Ӯ даҳ сол пеш аз биъсати Пайғамбар (с) ба дунё омадааст ва бинобар камбизоатии падараш-Абӯтолиб, ӯро Пайғамбар (с) дар хонаи худ зери тарбия ва нигоҳбини хеш ба воя расонд. Алӣ (р) дар тамоми ғазваҳо, ба ҷуз аз ғазваи Табук бо машварати Пағамбар (с) ширкат намудааст. Ҳазрати Алӣ (р) дар соли 40 –уми ҳиҷрӣ аз ҷониби Ибни Мулҷами хавориҷӣ ҳангоми намозхонӣ ба шаҳодат расонида мешавад.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) моҳи Рамазонро моҳи сабр номидааст, зеро инсон дар ин моҳ аз субҳи содиқ то ғуруби офтоб на танҳо аз хӯрдану ошомидан ва ҷимоъ худдорӣ менамояд, балки аз ғайбату тӯҳмат, дурӯғу бӯҳтон ва суханони фаҳшу беҳуда низ худдорӣ мекунад ва барои ин ҳама инсон ниёз ба сабр дорад. Ба ин хотир,  рӯзаи моҳи Рамазон ва аз ҳар моҳи ҳиҷрӣ- қамарӣ се рӯз, ба вижа 13-ум, 14-ум ва

15-уми ҳар моҳи қамариро рӯза доштан решаи кинаро аз байн мебарад.

۞ ۞ ۞

٢٠) عَنْ ثَوْبَانَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ–صلى الله عليه و سلم-
﴿ صِيَامُ شَهْرِ رَمَضَانَ بِعَشْرَةِ أَشْهُرٍ، وَصِيَامُ سِتَةَ أَيَامٍ بَعْدَهُ بِشَهْرَيْن، فَذَلِكَ صِيَامُ السَّنَةَ ﴾.

أحمد والنسائي وابن حبان في صحيحه (حديث صحيح)

**20.** Аз Савбон (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Рӯзаи моҳи Рамазон савоби даҳ моҳро дорад ва рӯзаи шаш рӯзи баъди он савоби ду моҳро дорад ва ин (баякҷоягӣ) савоби рӯзаи сол аст».***

*(Ривояти Аҳмад, Насоӣ, Ибни Ҳиббон)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Савбон (р) мавлои Пайғамбар (с) ва аз арабҳои ҳумайрӣ мебошад. Пайғамбар (с) ӯро харида ва аз ғуломӣ озод намуда буд. Савбон ҳамеша дар ҳузуру хидмати Пайғамбар (с) буд. Баъди вафоти Паёмбар (с) Савбон (р) нахуст ба Рамла ва баъдтар ба Ҳимс рафта, дар он ҷо иқомат намуд ва соли 54-уми ҳиҷрӣ аз дунё гузашт. Пайғамбар (с) дар ҳаққи ӯ дуои хайр менамуд.

***Шарҳи ҳадис***

Рӯзаи моҳи Рамазон савоби даҳ моҳро дорад, зеро дар шариати Ислом барои амалҳои нек ҳадди ақал як ба даҳ савоб дода мешавад. Ҳамчунин, шаш рӯз аз моҳи Шаввол рӯза доштан, ҳадди ақал савоби шаст рӯзро дорад. Аз ин рӯ, инсоне, ки моҳи Рамазонро бо ихлос рӯза медораду баъд аз он шаш рӯзи моҳи Шавволро рӯза мегирад, бо изни Худо савоби яксоларо ноил мешавад.

۲۱) عَنْ ابْنِ عَبَاسٍ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللّٰهِ –صلى الله عليه و سلم- كَانَ إِذَا أَفْطَرَ قَالَ ﴿ اَللّهُمّ لَكَ صُمْتُ وَعَلَى رِزْقِكَ أَفْطَرْتُ فَتَقَبَّلْ مِنِّي إِنَكَ أَنْتَ السّمِيْعُ الْعَلِيْمُ ﴾.

رواه طبراني

**21.** Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) вақте ифтор мекард, чунин мегуфт: ***«Парвардигоро, барои Ту рӯза гирифтам ва аз ризқи додаат, ифтор намудам ва аз Ман онро қабул намо, ба дурустӣ ки Ту шунаво ва доноӣ».***

*(Ривояти Табаронӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абдуллоҳ ибни Аббос (р) зимни ҳадиси 14-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Ҳангоми ифтор кардан дуо намудан суннат аст. Чунончи Пайғамбар (с) ҳангоми ифтор дуо намуда, мегуфт: «*Парвардигоро, барои Ту рӯза гирифтам ва аз ризқи додаат ифтор намудам ва аз ман онро қабул намо, ба дурусти ки Ту шунавою доноӣ*».[6]

Ҷойгоҳи ният аслан қалб аст, аммо ҳикмати ба забон зикр намудан барои ҷамъи фикру андеша бисёр мувофиқ мебошад.

٢٢) عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ رَضِيَ اللهُ عَنْهُ قَالَ: قَالَ النَّبِيُّ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ تَسَحَّرُوْا فَإِنَّ فِي السُّحُوْرِ بَرَكَةٌ ﴾.

متفق عليه

**22.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Саҳархӯрӣ бикунед*** *(пеш аз субҳ дар Рамазон)*, ***зеро дар он баракат аст».***

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Анас (р) зимни ҳадиси 15-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Пеш аз дамидани субҳ дар моҳи Рамазон

[6] Ривояти Абӯдовуд.

саҳархӯрӣ намудан суннат аст. Пайғамбар (с) саҳархӯрии моҳи Рамазонро ташвиқ намуда, онро баракат гуфтааст, зеро инсон бо тановул дар саҳар нерӯи наве барои ибодат гирифта, аз таъсири гуруснагӣ барои асабӣ шудан эмин мемонад. Ҳамчунин рӯзадор дар вақти саҳархӯрӣ намудан ба зикру ёди Худо машғул шуда, баракати зиёдро ба даст меорад. Ё ба таоми саҳархӯриааш нафарони муҳтоҷро шарик гардонида, савоби зиёд ба даст меорад. Пайравӣ аз суннати Пайғамбар (с) савобу баракат дорад ва аз ҷумлаи суннатҳо пеш аз субҳ хӯрдани хӯроки саҳарӣ аст.

٢٣) عَنْ سَهْلِ بْنِ سَعْدٍ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿إنّ فِي الْجَنّةِ بَاباً يُقَالُ لَهُ "الرَيّانُ" يَدْخُلُ مِنْهُ الصَائِمُوْنَ يَوْمَ القِيَامَةِ، لَا يَدْخُلُ مِنْهُ أَحَدٌ غَيْرُهُمْ. يُقَالُ: أَيْنَ الصَائِمُوْنَ؟ فَيَقُوْمُوْنَ فَيَدْخُلُوْنَ مِنْهُ، فَإِذَا دَخَلُوْا أغْلِقَ فَلَمْ يَدْخُلْ مِنْهُ أَحَدٌ﴾.

متفق عليه

**23.** Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «*Дар ҷаннат дарест, ки он Райён ном дорад ва рӯзи қиёмат аз он танҳо рӯзадорон дохил мешаванд. Он рӯз гуфта мешавад: «Рӯзадорон дар куҷоянд»? Пас, рӯзадорон бармехезанд ва аз он*

*дар дохили биҳишт мешаванд. Чун рӯзадорон аз он дар дохил шаванд, он дар баста мешавад ва дигар ҳеҷ кас аз он дохил намешавад».*

*( Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Саҳл ибни Саъд ибни Молик ибни Холиди Ансории Соидӣ аз саҳобагони машҳур мебощд. Номаш Ҳузн, яъне, ғам буд, сипас ӯро Пайғамбар (с) Саҳл номид. Ӯ охирин саҳобае дар Мадина буд, ки соли 91-уми ҳиҷрӣ дар синни 100 солагӣ аз дунё гузаштааст.

***Шарҳи ҳадис***

Ҷаннат дорои дарҳост ва ин аз раҳмату меҳрубонии Худованд ба аҳли биҳишт дарак медиҳад. Яке аз ин дарҳои ҷаннат Райён ном дорад, ки аз он фақат рӯзадорони моҳи шарифи Рамазон дохил мешаванд. Албатта, хос намудани дари Райён барои рӯзадорони моҳи Рамазон эҳтиром ва қадрдонии Парвардигори баландмартаба барои мӯъминон аст. Рӯзи қиёмат мунодие фарёд мекунад: «Куҷоянд рӯзадорони моҳи Рамазон»? Сипас рӯзадорони моҳи шарифи Рамазон аз байни мардум хеста, аз он дар дохил мешаванд, ки ин як шарафу эҳтироми вижае аз ҷониби Худованд барои онҳост. Баъд аз дохил шудани рӯзадорони моҳи Рамазон он дар баста мешавад ва дигар ҳеҷ кас аз он ба биҳишт

дохил намешавад. Дари зикршуда махсуси рӯзадорони моҳи Рамазон мебошад.

۲٤) عَنْ أَنَسٍ –رضي الله عنه- قَالَ ﴿ كَانَ النَبِيُ –صلى الله عليه و سلم- إِذَا أَفْطَرَ عِنْدَ أَهْلِ بَيْتٍ قَالَ: أَفْطَرَ عِنْدَكُم الصَائِمُوْنَ، وَأَكَلَ طَعَامَكُمُ الأَبْرَارُ، وَتَنَزَلَتْ عَلَيْكُمُ الْمَلَائِكَةُ ﴾.

رواه أحمد في مسنده والبيهقي في السنن (حديث حسن)

**24.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки вақте Пайғамбар (с) назди хонадоне дар меҳмонӣ ифтор менамуд, чунин мегуфт: ***«Рӯзадорон наздатон ифтор намуданд, таоматонро накӯкорон тановул намуданд ва фариштагон бар шумо фуруд омаданд».***

*(Ривояти Аҳмад ва Байҳақӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Анас ибни Молик (р) зимни ҳадиси 15-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) дар ҳаққи ифтордиҳандагон дуои хайр мекард ва онҳоро ёдрас менамуд, ки рӯзадорон таоми шуморо тановул намоянд, зеро онҳо мардумони накӯкоранд. Бинобар сабаби ба рӯзадорон ифтор доданатон фариштаҳои раҳмати Худованд фуруд омаданд ва ин ҳама савобро ноил

гаштед. Пайғамбар (с) тавассути ин ҳадис мўъминонро барои ифтор додани рўзадорон ва касби савоби он ташвиқу тарғиб намудааст. Ҳамчунин, ин ҳадиси набавӣ баёнгари он аст, ки ҳангоми ифтор намудани рўзадорон фариштаҳои илоҳӣ нозил мешаванд ва дуъои хайр дар ҳаққи ифтордиҳандагону рўзадорон менамоянд.

❁ ❁ ❁

٢٥) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- قَالَ اللهُ تَعَالَى ﴿كُلُ عَمَلِ ابْنِ آدَمَ لَهُ، إِلَّا الصِيَامُ فَإِنَهُ لِي وَأَنَا أَجْزِي بِهِ، وَالصِيَامُ جُنَّةٌ، وَإِذَا كَانَ يَوْمُ صَوْمِ أَحَدِكُمْ فَلَا يَرْفَثْ، وَلَا يَصْخَبْ، وَإِنْ سَابَهُ أَحَدُ أَوْ قَاتَلَهُ فَلْيَقُلْ: "إِنِي امْرَؤٌ صَائِمٌ". وَالَذِي نَفْسُ مُحَمَد بِيَدِهِ لَخَلُوْفُ فَمِ الصَائِمِ أَطْيَبُ عِنْدَ اللهِ مِنْ رِيْحِ الْمِسْكِ. وَلِلصَائِمِ فَرْحَتَانِ يَفْرَحهُمَا: إِذَا أَفْطَرَ فَرِحَ بِفِطْرِهِ، وَإِذَا لَقِيَ رَبَّهُ فَرِحَ بِصَوْمِهِ﴾.

متفق عليه

**25.** Аз Абўҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Худованд фармудааст: Тамоми амали фарзанди Одам (одамизода) барои ўст, магар рўза, зеро рўза барои Ман аст ва Ман подоши онро ба ў медиҳам. Рўза монанди сипар аст, пас, агар нафаре аз шумо рўзадор бошад, сухани ношоиста нагўяд ва ҷанҷол накунад. Агар касе ўро дашном диҳад, ё ба ў зўроварӣ кунад, пас, бигўяд: Ман шахси рўзадорам.***

***Қасам ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад ба яди Ӯст, бӯйи даҳони рӯзадор назди Худованд хушбӯйтар аз бӯйи мушк аст. Барои рӯзадорон ду хурсандист, ки бо онҳо хушнуд мегардад: Вақте ифтор менамояд, барои ифтор хурсанд мешавад ва вақте рӯзи қиёмат Парвардигорашро дучор мешавад, хушнуд мегардад».***

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Тамоми амали инсон ба фоидаи ӯст ва савобашро аз Худованд ноил мешавад. Аммо дар ин ҳадис Худованд рӯзаро барои он ба Худ нисбат додааст, ки инсон ҳангоми рӯза гирифтан риёву худнамоӣ карда наметавонад, зеро рӯза доштан сирре байни банда ва Худованд аст. Ба ин хотир Худованд гуфтааст: «Рӯза барои Ман аст», яъне, ҳеҷ кас дар он риё карда наметавонад. Бинобар ин, Пайғамбар (с) шахси рӯзадорро аз суханони фаҳш гуфтан ва анҷоми амалҳои бад наҳй мекунад. Рӯза сабаби дурии мусулмон аз дӯзах мешавад. Рӯзадор бояд кӯшиш намояд, то бо касе ҷангу ҷидол накунад ва агар касе ӯро дашном ё сухани носазо гӯяд, бояд дар ҷавоб гӯяд: «Ман рӯзадорам».

Бӯйи даҳони рӯзадор дар назди Худованд аз

мушк беҳтар аст, яъне, савоби зиёд дорад ва Худованд аз ў хушнуд мешавад. Рўзадор ду хурсандии бузург дорад: а) вақте як рўзи комил рўза мегирад, ҳангоми ифтор намудан аз анҷоми ин ибодат хурсанд мегардад; б) вақте бо Худованд мулоқот намуда, савоби рўзаро аз Худованд мегирад, боз хурсанд мешавад.

٢٦) عَنْ أَبِي أُمَامَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ الصِيَامُ جُنَّةٌ، وَهُوَ حُصْنٌ مِنْ حُصُوْنِ الْمُؤمِنِ، وَكُلُّ عَمِلٍ لِصَاحِبِهِ إلّا الصِيَام، يَقُوْلُ اللهُ: الصِيَامُ لِي، وَأنَا أَجْزِي بِهِ ﴾.

رواه الطبراني في الكبير (حديث صحيح)

**26.** Аз Абўумома (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Рўза сипар (аз оташи дўзах) ва паноҳгоҳе аз паноҳгоҳҳои мўъмин аст. Тамоми амал барои соҳибаш мебошад, ба ҷуз рўза. Худованд мефармояд: «Рўза барои Ман аст ва Ман подоши онро медиҳам».***

*(Ривояти Табаронӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Судай ибни Аҷлон ибни Ҳорис Абўумомаи Боҳулӣ машҳур бо Абўумома аз Пайғамбар (с), аз Умар, Усмон, Алӣ, Абўубайда,

Муъоз, Абўдардоъ, Убода ибни Сомит ва дигарон ривоят намудааст. Аз ў Абўсалом Асвад, Муҳаммад ибни Зиёд, Шарҳабил ибни Муслим, Шаддод ва Макҳул ривоят кардаанд. Абўумома дар байъати Ризвон ширкат намуда, Пайғамбар (с) дар ҳаққи ў ва дигар саҳобагон дуои хайр кардааст. Ў дар «Сиффин» ҳамроҳи Алӣ ибни Абўтолиб (р) буд ва соли 86 ҳиҷрӣ аз дунё гузашт.

***Шарҳи ҳадис***

Рўза чун парда байни рўзадор ва дўзах аст ва сабаби наҷоти ў мебошад. Пайғамбар (с) рўзаро барои мўъмин чун қалъа шуморидааст. Худованд бевосита савоби рўзаро ба рўзадорон ато менамояд ва албатта, ин пеш аз ҳама ба фазилату шарафи рўза далолат мекунад.

۲۷) عَنْ زَيْدِ بْنِ خَالِدٍ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿مَنْ فَطَّرَ صَائِماً كَانَ لَهُ مِثلَ أَجْرِهِ، غَيْرَ أَنَّهُ لَا يَنْقُصُ مِنْ أَجْرِ الصَائِمِ شَيْئاً﴾.
رواه أحمد والترمذي وابن ماجة وابن حبان في صحيحه (حديث صحيح)

**27.** Аз Зайд ибни Холид (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Ҳар кӣ рўзадореро ифтор диҳад, мисли савоби рўзадор савоб мегирад, дар ҳоле ки аз савоби рўзадор чизе кам карда намешавад*».**

*(Ривояти Аҳмад, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Ибни Ҳиббон)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Зайд ибни Холиди Ҷуҳанӣ саҳобаи Пайғамбар (с) мебошад ва дар сулҳи Ҳудайбия ширкат намудааст. Ривоятҳои ӯ дар «Саҳеҳайн» ва дигар китобҳои ҳадис зикр шудаст. Зайд ибни Холид (р) соли 78-уми ҳиҷрӣ дар замони хилофати Муовия (р) дар синни 85 солагӣ дар Мадина аз дунё гузаштааст.

***Шарҳи ҳадис***

Ифтор додани рӯзадорон, бахусус ба ниёзмандону мӯҳтоҷону камбизоатон савоби зиёд дорад. Агар касе рӯзадореро ифтор диҳад, ба монанди савоби рӯзадор аҷр мегирад, дар ҳоле ки аз савоби рӯзадор чизе кам карда намешавад.

۲۸) عَنْ ابْنِ عَمْرو –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ الصِيَامُ وَالْقُرْآنُ يَشْفَعَانِ لِلْعَبْدِ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، يَقُولُ الصِيَامُ: أيْ رَبِ إِنِي مَنَعْتُهُ الطَعَامَ وَالشَهَوات بِالنَهَارِ فَشَفِعْنِي فِيْهِ، وَيَقُولُ القُرْآنُ: رَبِ مَنَعْتُهُ النَوْمَ بِاللَيْلِ فَشَفِعْنِي فِيْهِ، فَيُشَفَّعَانِ ﴾.

رواه أحمد والطبراني والحاكم في المستدرك والبيهقي

(حديث صحيح)

**28.** Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: Рӯза ва Қуръон рӯзи қиёмат барои банда шафоаткунанда ҳастанд. Рӯза мегӯяд: ***«Эй Парвардигор, ман рӯзона ӯро аз таому шаҳват манъ намудам, пас, маро барояш шафоаткунанда гардон. Қуръон низ мегӯяд: «Эй Парвардигор, ман ӯро аз хоби шаб манъ менамудам, пас, маро барои ӯ шафоаткунанда бигардон». Ҳамин гуна Рӯзаву Қуръон бароям шафоат мекунанд».***

*(Ривояти Аҳмад, Табаронӣ,*
*Ҳоким ва Байҳақӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абдуллоҳ ибни Амр (р) зимни ҳадиси 11-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Рӯзи қиёмат рӯзаи моҳи Рамазон ва Қуръони карим барои шахси рӯзадор ва шахси қуръонхон шафоаткунанда мешаванд ва Худованд шафоати онҳоро қабул намуда, бандаашро мебахшад. Ин ҳадиси набавӣ далолат бар фазилати рӯзаи моҳи Рамазон ва тиловати Қуръони карим менамояд.

٢٩) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قال : قَالَ رَسُولُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ إِذَا كَانَ أَوَّلُ لَيْلَةٍ مِنْ رَمَضَانَ صُفِّدَتِ الشَّيَاطِينُ ، وَمَرَدَةُ الْجِنِّ ، وَغُلِّقَتْ أَبْوَابُ النَّارِ ، فَلَمْ يُفْتَحْ مِنْهَا بَابٌ ، وَفُتِحَتْ أَبْوَابُ الْجِنَانِ فَلَمْ يُغْلَقْ مِنْهَا بَابٌ ، وَنَادَى مُنَادٍ يَا بَاغِيَ الْخَيْرِ أَقْبِلْ ، وَيَا بَاغِيَ الشَّرِّ أَقْصِرْ ، وَلِلَّهِ عُتَقَاءُ مِنَ النَّارِ﴾.

رواه الحاكم، حَدِيثٌ صَحِيحٌ عَلَى شَرْطِ الشَّيْخَيْنِ

**29.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Ҳар гоҳ аввали шаби Рамазон фаро расад, шайтонҳову ҷинҳои саркаш баста ва дарҳои дӯзах пӯшида мешаванд ва ягон дари он боз намешавад. Дарҳои биҳишт боз мешаванд ва ягон дари он баста намешавад. Нидокунандае нидо мекунад: «Эй ҷӯяндаи хайр, шитоб кун ва эй талабкунандаи шар, боз ист. Худованд аз оташи дӯзах озодкардагоне дорад».***

*(Ривояти Ҳоким дар Мустадрак)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Ин ҳадис ишора ба он месозад, ки дар шаби аввали Рамазон ба сабаби анҷом додани тоату ибодати бандагон дасту пои шайтонҳо баста мешавад ва васвасаҳояшон заиф мегарданд. Чун амали хайр дар ин моҳ аз ҷониби бандагони мӯъмин зиёд

мешавад, ин сабаби нузули раҳмати Худованд мегардаду дарҳои биҳишт боз ва дарҳои ҷаҳаннам баста мешаванд. Фариштае фарёд мекунад: «Эй талабкунандаи хайр, моҳи Рамазон барои анҷоми амали нек вақти муносибест, зеро шайтонҳо баста шудаанд, пас, амал намо. Ва эй талабкунандаи шар, боз ист, зеро моҳи Рамазон замони муносибе барои қабули тавба аст. Худованд дар ин моҳ бандагони зиёдеро аз оташи дӯзах озод мекунад ва гуноҳашонро мағфират мекунад.

٣٠) قال أَبُو ذَرٍّ –رضي الله عنه- قَالَ ﴿ قُلْتُ : يَا رَسُولَ اللهِ، أَخْبِرْنِي عَنْ لَيْلَةِ الْقَدْرِ أَ فِي رَمَضَانَ ، أَوْ فِي غَيْرِهِ ؟ قَالَ : بَلْ هِيَ فِي رَمَضَانَ . قَالَ : قُلْتُ : يَا رَسُولَ اللهِ ، تَكُونُ مَعَ الأَنْبِيَاءِ مَا كَانُوا فَإِذَا قُبِضَ الأَنْبِيَاءُ رُفِعَتْ ، أَمْ هِيَ إِلَى يَوْمِ الْقِيَامَةِ ؟ قَالَ : بَلْ هِيَ إِلَى يَوْمِ الْقِيَامَةِ . قَالَ : فَقُلتُ يَا رَسُولَ اللهِ فِي أَيِّ رَمَضَانَ هِيَ ؟ قَالَ : الْتَمِسُوهَا فِي الْعَشْرِ الْأُوَلِ وَالْعَشْرِ الأَوَاخِرِ قَالَ : ثُمَّ حَدَّثَ رَسُولُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- وَحَدَّثَ فَاهْتَبَلْتُ غَفْلَتَهُ فَقُلْتُ : يَا رَسُولَ اللهِ ، فِي أَيِّ الْعِشْرِينَ ؟ قَالَ : الْتَمِسُوهَا فِي الْعَشْرِ الأَوَاخِرِ ، لاَ تَسْأَلُنِي عَنْ شَيْءٍ بَعْدَهَا ثُمَّ حَدَّثَ رَسُولُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- وَحَدَّثَ فَاهْتَبَلْتُ غَفْلَتَهُ فَقُلْتُ : يَا رَسُولَ اللهِ أَقْسَمْتُ عَلَيْكَ لَتُخْبِرَنِّي ، أَوْ لَمَا أَخْبَرْتَنِي فِي أَيِّ الْعَشْرِ هِيَ ؟ قَالَ : فَغَضِبَ عَلَيَّ غَضَبًا مَا غَضِبَ عَلَيَّ مِثْلَهُ قَبْلَهُ وَلاَ بَعْدَهُ ، فَقَالَ : إِنَّ اللَّهَ لَوْ شَاءَ لأَطْلَعَكُمْ عَلَيْهَا ، الْتَمِسُوهَا فِي السَّبْعِ الأَوَاخِرِ ﴾.

رواه الحاكم، حَدِيثٌ صَحِيحٌ عَلَى شَرْطِ مُسْلِمٍ

**30.** Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки фармуд: ***«Гуфтам, эй Расули Худо, (с) маро аз шаби Қадр хабар деҳ, ки дар моҳи Рамазон аст ё дар ғайри он? Пайғамбар (с) гуфт: Балки он дар Рамазон аст. Гуфтам: Эй Расули Худо! Оё шаби Қадр бо пайғамбарон аст ва чун вафот кунанд, шаби Қадр низ бардошта мешавад, ё то рӯзи қиёмат боқӣ мемонад? Гуфт: Балки то рӯзи қиёмат боқӣ мемонад. Гуфтам: Дар кадом вақти Рамазон аст? Гуфт: Шаби қадрро дар даҳаи аввал ва охири он ҷустуҷӯ намоед. Баъд аз он Паёмбар (с) суханҳое гуфт ва сипас вақтро ғанимат дарёфтам ва гуфтам: Эй Расули Худо! Савгандат медиҳам, маро хабар кун, ки Қадр дар кадом даҳаи Рамазон аст. Сипас Пайғамбар (с) бар ман ғазаби сахт кард, ки мисли он пештар ва баъди он ғазаб накарда буд ва (с) гуфт: Агар Худованд хоҳад, шуморо аз он хабар медиҳад. Шумо Қадрро дар ҳафти охири Рамазон ҷустуҷӯ намоед».***

*( Ҳоким дар Мустадрак)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абӯзар Ҷундуб ибн Ҷунода ибни Сикини Ғифорӣ (р) дар водии Вадон зиндагӣ мекард. Ӯ аз ҷумлаи мусулмонони аввалин мебошад. Баъди ба Ислом гаравидан дар Макка аз Ислом пайравӣ намуданашро ошкоро эълон намуд. Қиссаи ба Ислом гаравидани Абӯзар (р) дар «Саҳеҳайн» ба

таври муфассал омадааст. Абӯзар (р) баъдтар ба қабилаи худ-Ғифор, баргашт ва онҳоро ба Ислом фаро хонд. Ӯ марди хароби қадбаланду гандумгун ва хело ҷасуру боғайрате буд. Абӯзар (р) аз Пайғамбар (с) ҳадисҳо ривоят намудааст ва аз ӯ Анас, Ибни Аббос, Абӯидрис Хулонӣ, Зайд ибни Ваҳб, Аҳнаф ибни Қайс, Саид ибни Мусаяб ва дигарон ривоят намудаанд. Ӯ соли 31-уми ҳиҷрӣ дар Рабза аз дунё гузаштааст.

***Шарҳи ҳадис***

Шаби қадр дар моҳи муборaки Рамазон аст ва он аз ҳазор моҳи қамарӣ, ки баробар ба 83 солу 4 моҳ мебошад, беҳтар аст. Албатта, ин як фазлу раҳмати илоҳӣ барои уммати Муҳаммад (с) аст, ки як шаби қадр, ки шояд 10 соате беш набошад, ибодаташ беҳтар аз ҳазор моҳ ё худ 83 солу 4 моҳ аст. Фазилати ин шаби қадр то рӯзи қиёмат боқӣ хоҳад монд. Пайғамбар (с) дастур медиҳад, ки қадрро дар даҳаи охири Рамазон ҷустуҷӯ кунед ва ин ба хотири бештар савобу хайри даҳаи охири Рамазонро ба даст овардан мебошад. Чи тавре Паёмбари Худо (с) фармудааст: «Агар Худованд мехост, шаби қадрро барои бандагон мушаххасан баён менамуд». Ҳикмати мушаххас накардани шаби қадр дар он аст, ки рӯзадорон даҳ шаби охирро бо тоату ибодат сипарӣ намоянд ва савоби бештаре ба даст оранд. Вале бо далолатҳои

ҳадисҳои дигар шаби қадрро шаби 27-уми Рамазон гуфтаанд.

❖ ❖ ❖

(٣١) عَنْ عَلِيِّ بْنِ عَبْدِ اللهِ بْنِ عَبَّاسٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمَا ﴿ سَمِعَ أَبَاهُ، يَقُولُ : قُلْتُ يَا رَسُولَ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- أَوْصِنِي . قَالَ : أَقِمِ الصَّلاَةَ وَأَدِّ الزَّكَاةَ وَصُمْ رَمَضَانَ وَحُجَّ الْبَيْتَ وَاعْتَمِرْ وَبَرَّ وَالِدَيْكَ وَصِلْ رَحِمَكَ وَأَقْرِ الضَّيْفَ وَأْمُرْ بِالْمَعْرُوفِ وَأَنْهَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَزُلْ مَعَ الْحَقِّ حَيْثُ زَالَ ﴾.

رواه الحاكم صَحِيحُ الإِسْنَادِ بِشُيُوخِ الْيَمَنِ وَلَمْ يُخَرِّجَاهُ

**31.** Аз Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки аз падараш шунида, ки мегуфт: «Гуфтам, эй Расули Худо, маро васият намо! Пайғамбар (с) гуфт: ***«Намозро барпо намо, закотро адо кун, рӯзаи Рамазонро бидор, Хонаи Худоро ҳаҷ намо ва адои умра кун, ба падару модарат некӣ намо, бо хешовандонат бипайванд, меҳмонро эҳтиром намо, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кун ва ҳамроҳи ҳақ бош, ҳар ҷое ки бошад».***

*(Ривояти Ҳоким дар Мустадрак)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббос набераи амӯи Пайғамбар (с) аст. Падараш Абдуллоҳ писарамӯи Пайғамбар (с), муҳаддис, муфассири машҳур ва саҳоба мебошад. Зимни ҳадиси 14-ум

шарҳи ҳоли падараш Абдуллоҳ зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Маънои иқомати намоз барпо намудани он бо риояи фарзу воҷибу суннат ва бо хушӯу хузӯъ мебошад. Рукнҳои  дигари Ислом додани закот, рӯзаи Рамазон ва ҳаҷҷи Хонаи Худо аст. Сипас Пайғамбар (с) баъди зикри аркони Ислом  дигар воҷибу суннатҳоро баён намуд, мисли умраву некӣ намудан ба падару модар, силаи раҳму эҳтироми меҳмон кардан, амри маъруфу наҳй аз мункар намудан ва ҳамеша бо ҳақ будану ҷонибдории онро кардан.

۞ ۞ ۞

٣٢)   عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ –رضي الله عنه- قال: قال رسول الله –صلى الله عليه و سلم- ﴿ أَنَّهُ قَالَ : خَرَجَ عَلَيْنَا رَسُولُ اللَّهِ   فِي رَمَضَانَ فَقَالَ : "إِنِّي أُرِيتُ هَذِهِ اللَّيْلَةَ فِي رَمَضَانَ، حَتَّى تَلاَحَى رَجُلاَنِ فَرُفِعَتْ، فَالْتَمِسُوهَا فِي التَّاسِعَةِ، وَالسَّابِعَةِ، وَالْخَامِسَةِ ﴾. (الموطأ)

**32.** Аз Анас ибни Молик (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) рӯзе дар Рамазон ба назди мо баромад ва гуфт: «***Ба Ман имшаб*** *(яъне, қадр)* ***дар Рамазон нишон дода шуд, вале ду мард ҷидол карданду он аз ёдам баромад. Пас, он шабро дар 29-ум, 27-ум ва 25-ум ин***

***моҳ ҷустуҷӯ намоед».***

*( Ривояти Молик)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Анас ибни Молик (р) зимни ҳадиси 15-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) шаби қадрро ба таври мушаххас медонист, вале бо ҳикмати илоҳӣ онро ба умматаш мушаххас накард, то дар шабҳои тоқи даҳаи охири Рамазон талош ба тоату ибодат намоянд. Гузашта аз ин, ҳадиси мазкур ишора ба он менамояд, ки ҷидолу кашмакашӣ намудани ду нафар сабаби фаромӯшӣ шуда метавонад. Шаби қадр дар даҳаи охири Рамазон ва дар шабҳои тоқи он мебошад.

٣٣) قَالَ أَبو أُمَامَةَ سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- يَخْطُبُ في حَجَّةِ الودَاعِ فَقَالَ﴿اتَّقُوا اللهَ ربَّكُم، وَصَلُّوا خَمْسَكُمْ، وَصُومُوا شهرَكُمْ، وأَدُّوا زَكَاةَ أَموالِكُم وَأَطِيْعُوا ذَا أَمْرِكُمْ، تدخُلُوا جَنَّةَ ربِّكُمْ﴾.

قَالَ أَبُو عِيسَى: هَذَا حديثٌ حسنٌ صحيحٌ

**33.** Абӯумома (р) гуфт, ки аз Пайғамбар (с) шунидам, ки дар ҳаҷҷату-л-видоъ дар хутба гуфт: «*Аз* ***Худованде, ки Парвардигоратон аст, битарсед,***

***панҷ вақт намозатонро бигзоред, моҳатонро (Рамазонро) рӯза доред, закоти молҳоятонро адо намоед, сарваронатонро итоат намоед, дохили биҳишти Парвардиоратон мешавед».***

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯумома зимни ҳадиси пешин зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) дар хутбаи ҳаҷҷату-л-видоъ саҳобагонро амру васиятҳои зиёде намуд. Мардумро ба тақвову парҳезгорӣ ва адо намудани аркони Ислом амр намуд. Аз ҷумлаи онҳо рӯза доштани моҳи Рамазонро зикр намуд. Ҳамчунин барои ваҳдату ҳамбастагии мусулмонон амр фармуд, ки сарваронро итоат намоянд. Албатта, итоати онҳо дар сурате шарт аст, ки амр ба маъсияти Худованд набошад, зеро дар ин сурат, яъне, дар муқобили маъсияти Холиқ итоати махлуқ ҷоиз нест. Сипас дар ниҳоят Пайғамбар (с) фармуд, ки дар сурати анҷоми ин аркони Ислому ин дастурҳо бо фазлу раҳмати Парвардигор дохили биҳишт мешавед.

۞ ۞ ۞

٣٤) عَنِ ابْنِ عَبَّاسٍ –رضي الله عنه- قَالَ ﴿ كَانَ رَسُولُ اللَّهِ –صلى الله عليه و سلم- أَجْوَدَ النَّاسِ بِالْخَيْرِ، وَكَانَ أَجْوَدَ مَا يَكُونُ فِي شَهْرِ رَمَضَانَ حَتَّى يَنْسَلِخَ ، يَأْتِيهِ

جِبْرِيلُ فَيَعْرِضُ عَلَيْهِ الْقُرْآنَ ، فَإِذَا لَقِيَهُ جِبْرِيلُ كَانَ رَسُولُ اللَّهِ –صلى الله عليه و سلم-
أَجْوَدَ بِالْخَيْرِ مِنَ الرِّيحِ الْمُرْسَلَةِ ﴾.

متفق عليه

**34.** Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят аст, ки: ***«Пайғамбар (с) аз сахитарин инсонҳо дар кори накӯ буд ва то поён ёфтани Рамазон сахитар мешуд. Дар Рамазон Ҷабраил (а) меомад ва ба Ӯ (с) Қуръонро мехонд. Ва ҳаргоҳ Ҷабраил (а) ба Пайғамбар (с) мулоқот мекард, Паёмбари Худо (с) аз боди вазон дида сахитар мешуд».***

*(Ривояти Бухорӣ ва Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абдуллоҳ ибни Аббос (р) зимни ҳадиси 14-ум зикр шудаст.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) хело саховатманд буд ва дар моҳи Рамазон саховатмандиаш бештар мешуд. Пас, пайравони уммати Муҳаммад (с) бояд пайравӣ аз ӯ намуда, ҳамеша сахӣ бошанд, ба вижа дар моҳи Рамазон бояд бештар ба хайру саховат машғул шаванд. Ҳар мусулмон дар моҳи Рамазон Қуръонро як маротиба хатм намояд, чунончи Пайғамбар (с) аз Ҷабраил (а) Қуръонро талаққӣ менамуд. Пайғамбар (с) дар моҳи Рамазон сахӣ буд ва саховаташ ба ҳама

мерасид, ба гунае ки боди вазон ба ҳама ҷо мерасад.

❖ ❖ ❖

٣٥) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ رُبَ قَائِمِ حَظُهُ مِنْ قِيَامِهِ السَهَرُ، وَرُبَ صَائِمِ حَظُهُ مِنْ صِيَامِهِ الجُوْعُ وَالْعَطَشُ ﴾.

رواه الطبراني و أحمد والحاكم والبيهقي (حديث صحيح)

**35.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Эй басо шабзиндадоре, ки суд ва манфиъаташон аз шабзиндадорӣ бедорхобист ва эй басо рӯзадоре, ки баҳрааш аз рӯза танҳо гуруснагию ташнагист».***[7]

*(Ривояти Табаронӣ, Аҳмад, Ҳоким ва Байҳақӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Шахси мусулмони рӯзадор бояд шабҳои Рамазонро мухлисона бо тоату ибодат гузаронад, зеро гоҳо шабзиндадори беихлосе ҳаст, ки ба ҷуз

---

[7] Яъне, аз савоб маҳруманд.

бедорхобӣ чизе ба даст намеорад. Ва гоҳо рӯзадори беихлосе ҳаст, ки ба ҷуз ташнагию гуруснагӣ чизе ба даст намеорад. Бинобар ин, шахси рӯзадор бояд забонашро аз ғайбату тӯҳмат ва суханони беҳуда, нигоҳ дорад. Ҳамчунин чашмашро аз назари ҳаром ва гӯшашро аз шунидани суханони беҳуда ва ботил нигоҳ дорад.

❁ ❁ ❁

٣٦) عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ مَنْ لَمْ يَدَعْ قَوْلَ الزُوْرِ وَالْعَمَلَ بِهِ فَلَيْسَ لِلهِ حَاجَةٌ فِي أَنْ يَدَعْ طَعَامَهُ وَشَرَابَهُ ﴾.

رواه أحمد، البخاري، أبو داود والترمذي

**36.** Аз Абӯҳурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «***Шахсе, ки шаҳодати бардурӯғ ва амал намудан ба онро тарк намекунад, Худованд ниёзе ба гуруснагию ташнагии ӯ надорад***».

*(Ривояти Аҳмад, Бухорӣ, Абӯдовуд ва Тирмизӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Абӯҳурайра (р) зимни ҳадиси 1-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Шоҳидии бардурӯғ аз ҷумлаи гуноҳони кабира

мебошад. Ба ин хотир, Пайғамбар (с) дар бисёр мавридҳо ин нуктаро таъкид менамуд, ки бандагон аз шоҳид шудани бардурӯғ парҳез намоянд. Паёмбари Худо (с) дар ин ҳадиси шариф низ таъкид менамояд, ки ҳар касе аз шаҳодати бардурӯғ ва амал намудан ба он парҳез накунад, Худованд ба рӯза доштани ӯ ниёз надорад. Ин гуна шахсон ба ҷуз гуруснагию ташнагӣ чизе ба даст намеоранд ва аз савоби рӯза маҳрум мешаванд.

۞ ۞ ۞

٣٧) عَنْ عَلِي –رضي الله عنه- قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- ﴿ إنَ فِي الْجَنَةِ غُرَفاً يُرَى ظَاهِرُهَا مِنْ بَاطِنِهَا، وَبَاطِنُهَا مِنْ ظَاهِرِهَا، أَعَدَهَا اللهُ تَعَالَى لِمَنْ أَطْعَمَ الطّعَامَ، وَأَلاَنَ الكَلاَمَ، وَتَابَعَ الصِيَامَ، وَصَلَى بِاللَيْلِ وَالنَاسُ نِيَامٌ ﴾.

رواه أحمد وابن حبان في صحيحه والبيهقي

(حديث صحيح)

**37.** Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Дар ҷаннат хонаҳоест, ки беруни онҳо аз дохил ва даруни онҳо аз берун дида мешаванд. Ин хонаҳоро Худованд барои касе омода намудааст, ки дар роҳи Худо таом бидиҳад, сухани нарм гӯяд, баъди Рамазон рӯза бигирад ва шабона, дар ҳоле ки мардум дар хобанд, намоз бихонад».***

*(Ривояти Аҳмад, Ибни Ҳиббон ва Байҳақӣ)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Алӣ (р) зимни ҳадиси 19-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис*** Саховатмандон ва касоне, ки нарм сухан мегӯянду хушмуомила ҳастанд ва касоне, ки баъди рӯзаи моҳи Рамазон рӯзаи нофила мегиранду шабонгоҳ ба ибодати Худо машғуланд, дар биҳишт мақому дарачаи хосе доранд. Худованд барояшон хонаҳое офаридааст, ки аз дарун берунашон ва аз берун дарунашон дида мешавад. Ин ҳадиси набавӣ фазилати амалҳои зикршударо таъкид менамояд.

۞ ۞ ۞

٣٨) عَنْ أَنَسْ –رضي الله عنه- قَالَ: قالَ رَسُولُ اللهُ –صلى الله عليه و سلم- ﴿الْحَسَدُ يَأْكُلُ الْحَسَنَاتِ كَمَا تَأْكُلُ النَارُ الْحَطَبَ، وَالصَّدَقَةُ تُطْفِئُ الْخَطِيْئَةَ كَمَا يُطْفِئُ الْمَاءُ النَارَ، وَالصَلاةُ نُوْرُ الْمُؤمِنِ، وَالصِيامُ جُنَّةٌ مِن النَارِ﴾.

ابن ماجة (حديث حسن)

**38.** Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Ҳасад бурдан амалҳои некро нест мекунад, ба гунае ки оташ ҳезумро нобуд месозад. Садақа чурму гуноҳро аз байн мебарад, ба гунае ки об оташро хомӯш мекунад. Намоз нури мӯъмин ва рӯза сипар аз оташи дӯзах аст».***

*(Ривояти Ибни Моча)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Анас ибни Молик (р) зимни ҳадиси 15-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Ҳасад аз ҷумлаи гуноҳони кабира буда, он эътироз бар қазову қадари Худованд мебошад. Инсони ҳасадбаранда гӯиё ба қазои Худованд эътироз намудааст. Бинобар ин, Пайғамбар (с) фармудаанд, ки ҳасад савоби амалҳои некро аз номаи аъмоли инсон нобуд месозад. Савоби садақа ба монанди обест, ки оташро хомӯш мекунад ва азоби хатоҳоро аз банда дур месозад. Савоби намоз барои намозгузор дар қабр ва пули сирот нур аст. Рӯза омили наҷотдиҳанда ва пардае аз оташи дӯзах аст ва рӯзадор дохили оташи ҷаҳаннам намешавад.

٣٩) عَنْ عَائِشَةَ رَضِيَ اللهُ عَنْهَا قَالَتْ ﴿كَانَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- يَجْتَهِدُ فِي الْعَشْرِ الأَوَاخِرِ مَا لَا يَجْتَهِدُ فِي غَيْرِهِ﴾.

رواه مسلم

**39.** Аз Оиша (р) ривоят аст, ки фармудаанд: ***«Пайғамбар (с) дар даҳаи охири Рамазон талоши зиёде (дар ибодат) менамуд, ки дар дигар вақтҳо ба ин андоза талош намекард».***

*(Ривояти Муслим)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Шарҳи ҳоли Оиша (р) зимни ҳадиси 6-ум зикр шудааст.

***Шарҳи ҳадис***

Пайғамбар (с) дар тамоми моҳҳо дар талоши ибодат буд, вале дар моҳи муборакки Рамазон бештар талош менамуд. Хосатан дар даҳаи охири Рамазон талошаш дар тоату ибодат афзун мешуд. Фурсатҳои охири Рамазонро пурсамар ва бо ибодат истифода мебурд. Албатта, ин амали Пайғамбар (с) барои умматаш ташвиқу тарғибгари он аст, ки тамоми моҳи муборакки Рамазонро ва хосатан даҳ рӯзи охири онро пурсамар, бо ихлос ва бо тоату ибодат истифода баранд. Ба ин хотир Пайғамбар (с) даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон дар масҷид эътикоф менишаст. Мувофиқи мазҳаби Имоми Аъзам (р) эътикоф нишастан дар масҷиди ҷамоат (панҷвақта) ё ҷомеъ суннати муаккадаи кифоя аст.[8]

---

[8] Дар ин масъала ба боби савму эътикофи китобҳои «Мухтасару-л-виқоя», «Ҳидоя», «Ниқоя», «Иноя», «Биноя», «Радду-л-муҳтор ала дурри-л-мухтор», «Баҳру-р-роиқ» ва ғайра нигаред.

٤٠)    عَنْ طَلْحَةَ  –رضي الله عنه- قَالَ ﴿ أَنَ رَجُلَيْنِ قَدِمَا عَلَى رَسُوْلِ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- وَ كَانَ اِسْلَامُهُمَا جَمِيْعاً وَ كَانَ أَحَدُهُمَا أَشَدُ اِجْتِهَاداً مِنْ صَاحِبِهِ. فَغَزَا الْمُجْتَهِدُ مِنْهُمَا فَسْتَشْهَدَ ثُمَ مَكَثَ الْاخَرُ بَعْدَهُ سَنَةً ثُم تُوُفِيَ. قَالَ طَلْحَةُ فَرَأَيْتُ فِيْمَا يَرَي النَّائِمُ كَأَنِي عِنْدَ بَابِ الْجَنَّةِ اذا أَنَا بِهِمَا وَ قَدْ خَرَجَ خَارِجٌ مِن الْجَنَّةِ فَاَذِنَ لِلَذِي تُوُفِي الآخِرُ مِنْهُمَا ثُم خَرَجَ فَأَذِنَ لِلَذِي اسْتَشْهَدَ ثُمَ رَجَعَا اِلَيّ فَقَالَا لِي اِرْجِعْ فَاِنَهُ لَمْ يَأنَ لَكَ بَعْدُ. فَأَصْبَحَ طَلْحَةُ يُحَدِثُ بِهِ النَاسَ فَعَجِبُوْا لِذَلَكَ فَبَلَغَ ذَالِكَ رَسُوْلَ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- فَقَالَ مِنْ أَي ذَالِكَ تَعْجَبُوْن قَالُوا يَا رَسُوْلَ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- هَذَا كَانَ أَشَدُ اِجْتِهَادً ثُمَ اِسْتَشْهَدَ فِي سَبِيْلِ اللهِ وَ دَخَلَ هَذَا الْجَنَةَ قَبْلَهُ. فَقَالَ أَلَيْسَ قَدْ مَكَثَ هَذَا بَعْدَهُ سَنَة؟ قَالُوا بَلَي. وَ أَدْرَكَ رَمَضَانَ فَصَامَهُ؟ قَالُوا بَلَي وَصَلَي كَذَا وَ كَذا سَجْدَةً فِي السّنَةِ. قَالُوا بلي. قَالَ رَسُوْلُ اللهِ –صلى الله عليه و سلم- فَلَمَا بَيْنَهُمَا أَبْعَدُ مَا بَيْنَ السَمَاءِ وَ الْأَرْضِ ﴾.
(روه أحمد)

**40.** Аз Талҳа ибни Абдуллоҳ (р) ривоят аст, ки *ду марде ба назди Пайғамбар (с) омаданд ва исломро якҷоя қабул намуданд. Яке аз ин нафарон аз дигараш иҷтиҳоди бештар дошт ва ӯ дар яке аз ғазваҳо шаҳид шуд. Аммо нафари дигари он як соли дигар зиндагӣ намуду сипас ӯ низ аз дунё даргузашт. Талҳа мегӯяд: Дар хоб дидам, ки назди дари ҷаннат истодаам ва он ду нафар низ наздам буданд. Ин ҳангом аз дохили ҷаннат шахсе баромад ва шахсеро, ки охирон аз дунё гузашта буд, иҷозати ба ҷаннат даромадан намуд. Баъд аз он шахси шаҳидшударо барои даромадан ба ҷаннат иҷозат дод. Сипас он ду*

***нафар ба назди ман бозгаштанд ва гуфтанд: бозгард, ҳоло вақти шумо фаро нарасидааст. Субҳ Талҳа ин хобро ба мардум нақл намуд ва ҳама тааҷҷуб карданд ва ин хабар ба Пайғамбар (с) расид. Пайғамбар (с) гуфт: «Аз чӣ тааҷҷуб мекунед»? Саҳобагон гуфтанд: «Эй Пайғамбари Худо, яке аз ин ду бисёр муҷтаҳид буд ва дар роҳи Худо шаҳид шуд ва он нафари дигар пеш аз ӯ дохили биҳишт гашт». Пайғамбар (с) гуфт: «Оё он нафари дуюмин як соли дигар зинда набуд»? Гуфтанд: «Оре». Пайғамбар (с) гуфт: «Рамазонро дарёфту рӯза гирифт»? Гуфтанд: «Оре». Пайғамбар (с) гуфт: «Дар ин сол намоз хонду чунину чунон саҷда намуд»? Гуфтанд: «Оре». Пайғамбар (с) гуфт: «Пас, байни ин ду байни осмону замин дурӣ (фарқ) аст».***

*( Ривояти Аҳмад)*

***Шарҳи ҳоли ровӣ:*** Абӯмуҳаммад Талҳа ибни Убайдуллоҳ ибни Усмони Таймӣ саҳобаи Пайғамбар (с) мебошад.Ӯ яке аз панҷ тан нафароне буд, ки ба дасти Абӯбакр (р) Исломро дар назди Пайғамбар (с) қабул намудаанд. Талҳа соли 36 ҳиҷрӣ дар воқеаи «Ҷамал» бо тири Марвон ибни Ҳакам, ки ба зонуаш зада буд, ба сабаби хунравии зиёд дар синни 64 солагӣ дар моҳи Ҷимодулаввал, рӯзи панҷшанбе шаҳид шуд.

***Шарҳи ҳадис***

Дар ҳадиси дигаре Пайғамбар (с) фармудааст: ***«Беҳтарини шумо касест, ки умри дарози ботоат дорад»***. Пас, инсони мусулмон ҳар қадар бештар Рамазонро дарк намояду рўза дошта, ба тоату ибодат машғул шавад, ҳамон қадар савоби зиёдро ноил мегардад. Шахси мусулмон ба сабаби бисёр сачда намудан қадру манзалаташ назди Худованд афзун мегардад.

# МАЪНОИ РАМАЗОН

Рамазон калимаи арабӣ буда, ба маънои шиддати гармо ва тобиши офтоб бар регистон меояд ва моҳи нуҳум дар солшумории қамарист ва теъдоди рӯзҳояш 30 ва гоҳе 29 тост. Рӯза доштани моҳи Рамазон ба ҳама мусулмонон фарз буда, яке аз рукнҳои панҷгонаи Ислом мебошад. Худованд рӯзаи Рамазонро бар мардону занони мусулмон дар моҳи Шаъбони соли дуввуми ҳиҷрӣ фарз гардонид.

Худованд мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардaнд, лозим карда шуд бар шумо рӯза доштан, чунончи лозим карда шуд бар касоне, ки пеш аз шумо буданд. То бошад, ки парҳезгорӣ кунед»**.( сураи "Бақара", ояти 183).

Рӯза дар шариъат; худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан ва дурӣ аз ҳамбистарӣ аз дамидани субҳ то ғуруби офтоб бо ният мебошад.

بسم الله الرحمن الرحيم

﴿ إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ فِي لَيۡلَةِ ٱلۡقَدۡرِ ١ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ ٢ لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ خَيۡرٞ مِّنۡ أَلۡفِ شَهۡرٖ ٣ تَنَزَّلُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ فِيهَا بِإِذۡنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمۡرٖ ٤ سَلَٰمٌ هِيَ حَتَّىٰ مَطۡلَعِ ٱلۡفَجۡرِ ٥﴾ [القدْر: ١، ٥]

*Бисмилаҳи-р-раҳмони-р-раҳим*

**«(1) Инно анзалноҳу фи лайлати-л-қадр. (2) Ва мо адрока мо лайлату-л-қадр. (3) Лайлату-л-қадри хайру-м-мин алфи шаҳр. (4) Таназзалу-л-малоикату ва-р-рӯҳу фиҳо биизни раббиҳим мин кулли амр. (5) Саломун ҳия ҳатто матлаъи-л-фаҷр».**

*Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон*

*(1) Ҳар ойина Мо Қуръонро дар шаби Қадр фуруд овардем. (2) Ва таваҷҷӯҳ! Медонӣ, ки шаби Қадр чист? (3) Шаби Қадр аз ҳазор моҳ беҳтар аст. (4) Фариштагон ва Рӯҳ (Ҷабраил) дар он шаб ба фармони Парвардигори хеш барои саранҷом додани ҳар коре фуруд меоянд. (5) Он шаб то тулӯи фаҷр ҳама саломи эминӣ аст.*

## Дуои рўзадор ҳангоми ифтор

﴿ ذَهَبَ الظَّمَأُ، وَابْتَلَتِ الْعُرُوقُ وَثَبَتَ الْأَجْرُ إِنْ شَاءَ اللّٰهُ﴾

***«Заҳаба-з-замаъу вабталатил ъуруқу ва сабатал аҷру, иншоаллоҳ».***

*(Ташнагӣ рафъ,  рагҳо тар ва савоб собит шуд, иншоаллоҳ).*

﴿اللَهُمَ إِنِي أَسْأَلُكَ بِرَحْمَتِكَ الَتِي وَسِعَتْ كُلَ شَيءٍ أَنْ تَغْفِرْ لِي ﴾

***«Аллоҳумма инни асъалука бираҳматика-л-лати васиъат кулла шайъин ан тағфир ли».***

*( Худоё, ба раҳматат, ки ҳама чизро фаро гирифтааст, аз Ту мехоҳам, ки маро биёмурзӣ).*

## ДАР ВИДОИ МОҲИ РАМАЗОН

Барги таҳвил мекунад Рамазон,
Бори тавдеъ бар дили ихвон.
Ёр нодида сер зуд бирафт,
Дер нишаст нозанин меҳмон.
Ғодир-ул-ҳуб сӯҳбат-ал-аҳбоб,
Форик-ул-хал ъишрат-ал-хуллон.
Моҳи фархунда рӯй барпечид,
Ва ъалайка-с-салом, ё Рамазон.
Алвидоъ, эй замони тоату хайр,
Маҷлиси зикру маҳфили Қуръон.
Меҳри фармони эзидӣ бар лаб,
Нафс дар банду девон дар зиндон.
То дигар рӯза бо ҷаҳон ояд,
Пас бигардад ба гуна-гуна ҷаҳон.
Булбуле  зор-зор менолид,
Бар фироқи баҳор вақти хазон.
Гуфтам: андаҳ мабар, ки боз ояд,
Рӯзи Наврӯз лолаву райҳон.
Гуфт: тарсам бақо вафо накунад,
Варна ҳар сол гул дамад бӯстон.
Рӯз бисёру ид хоҳад буд,
Тирамоҳу баҳору тобистон.
То ки дар манзил ҳаёт буд,
Соли дигар,  ки дар ғарибистон.
Хок чандон аз одамӣ бихӯрад,

Ки шавад хоку одамӣ яксон.
Ҳар дам аз рӯзгори мо ҷузвест,
Ки гузар мекунад чу барқи замон.
Кӯҳ агар ҷузв-ҷузв баргиранд,
Муталошӣ шавад ба даври замон.
То қиёмат, ки дигар оби ҳаёт,
Бозгардад ба ҷӯйи рафта равон.
Ё раб, он дам, ки дам фурӯ бандад,
Малакулмавт воқиф шайтон.
Кори ҷон пеши аҳли дил саҳл аст,
Ту нигаҳ дор ҷавҳари имон.

(Саъдии Шерозӣ)

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Ал-Қуръону-л- карим. - Риёз, 2000.
2. Абдуррауф Ал-Манови̅. «Файз-ул-қадир». Қоҳира.
3. Абӯдовуд ас-Сиҷистони̅. «Сунану Абидовуд». Бейрут, 1999.
4. Абӯисо ат-Тирмизи̅. «Сунану-т- Тирмизи̅». Лубнон, 1999.
5. Ибни Моҷа ал-Қазвини̅. «Сунану Ибни Моҷа». – ал-Қоҳира, 2001.
6. Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ан-Нишопури̅. «Саҳеҳу-л-Муслим». ал-Қоҳира, 2001.
7. Муҳаммад Исмоил Ал-Бухори̅. «Саҳеҳу-л-Бухори̅». -Бейрут, 1998
8. Ан-Насои̅. «Сунану-н- Насои̅». -Бейрут, 2000.
9. Ҷалолуддин Ассуюти̅. «Ҷомеу-с-сағир». ал-Қоҳира.
10. Ҷалолуддин Ассуюти̅. «Ал-Исоба фи таърифи саҳоба». ал-Қоҳира.

أبو أحمد داودخان عبد خان

# أربعون
# حديثاً
# في فضيلة رمضان

دوشنبه – ٢٠١٢ م